**Суратҷаласаи №36-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

аз 22 октябри соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз рӯйи ихтисос 6 нафар

22 октябри соли 2024, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

## РӮЗНОМА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Насимов Нуриддин Исоевич** дар мавзуи "Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор" (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ) барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Мушовири илмии** довталаби дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Назарзода Сайфиддин мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Салимов Рустам Давлатович** – доктори илмҳои филологӣ профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи славянии Россия Тоҷикистон;

2. **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Насимов Нуриддин Исоевич оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Солеҳов М., Раҳматуллозода С. ва Нуров П. ҷавоб дод.

**Мушовири илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Назарзода Сайфиддин тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни хулосаи шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ – **Салимов Рустам Давлатович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Қосимзода С., Раҳматуллозода С., Раҳмонов Р. ва Нуров П. ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ сухан карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Раҳматуллозода С. Охониёзов В. ва Қосимӣ С. интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар узви шуро 14 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, беэътибор – 1 нафар.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Насимов Нуриддин Исоевич додани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 22.10.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи “Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор” (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), хулосаи шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, гузориши муқарризони расмӣ – **Салимов Рустам Давлатович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Қосимзода С., Раҳматуллозода С., Раҳмонов Р. ва Нуров П. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Насимов Нуриддин Исоевич**

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Насимов Нуриддин Исоевич дар мавзуи "Пажуҳиши лингвофолклористикаи Сари Хосор" (ҷанбаҳои овоӣ ва вожагонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Насимов Нуриддин Исоевич дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи доктори илмҳои филологӣ ба Насимов Нуриддин Исоевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

22.10.2024